# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзўи **“Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз мўҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рўйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Барқарор ва ба роҳ мондани киштгардонҳои кўтоҳмудат, аз қабили зироати чормағзи заминӣ, дар хоҷагиҳои ба соҳаи кишоварзӣ алоқаманд аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, барои истеҳсоли равғани истеъмолии ватанӣ ва истеҳсоли хўроки чорво, баланд бардоштани ҳосилхезии хок, кишт ва истеҳсол намудани чормағзи заминӣ нақши бағоят муҳимро мебозад. Барои минтақаҳои пахтапарварии ҷумҳурӣ чормағзи заминӣ ҳамчун зироати яксолаи лўбиёгӣ ва пешинакишти беҳтарин нақши калидиро иҷро менамояд.

Заминҳои обёришавандаи ҷумҳурӣ манбаи асосии истеҳсоли маҳсулотҳои ғизоӣ ба шумор рафта, парвариши зироатҳои равғандеҳ аз қабили чормағзи заминӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, аҳолии кишварро бо равғани растании истеъмолии ватанӣ таъмин намуда, ҳамчун зироати лўбиёгӣ ҳосилхезии хокро баланд мебардорад ва барои рушди соҳаи чорводорӣ низ аҳмияти муҳим дорад.

Дар шароити минтақаи Ҳисор технологияи парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ, аз он ҷумла мўҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо омўхта нашудааст ва такмил додани баъзе усулҳои технологияи парвариш ва илман асоснок намудани онҳо аз ҷониби Бегназаров Д.Б. назариявӣ ва амалӣ исбот гардид.

Бегназаров Д.Б. ба истеҳсолот тавсия медиҳанд, ки ба мақсади рўёнидани ҳосили фаровони дон, равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тоза, анбўҳи сабз, бедаи серғизо ва ҳосилхез гардонидани таркиби хок, кишти чормағзи заминӣ навъи маҳаллии минтақабобшудаи “Тоҷикӣ - 15” дар даҳрўзаи якўми моҳи июн бо зичии 116 ҳазор растанӣ дар 1 гектар ё 7 дон дар 1 метри тўлонӣ баъд аз ҷамъоварии навъи ҷави “Пулодӣ” амалӣ карда шавад.

Натиҷаи корҳои тадқиқотии Бегназаров Д.Б. дар 1 тавсиянома, 6 маводҳои интишорӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида, дастовардҳои илмӣ дар хоҷагии таҷрибавии ба номи “Дзержинский” (ҳоло хоҷагии таҷрибавии “Зарнисор”) дар масоҳати 3 гектар татбиқ шудааст.

Новобаста аз арзандагии кори диссертатсия, хуб мешуд боз як таҷрибаи дигар дар минтақаҳои Хатлон иҷро карда мешуд.

Диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич таҳқиқоти баанҷомрасидаи муҳим дар ин самт шуморида шуда, мақсаду вазифаҳои гузошташуда иҷро карда шудааст ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Муовини сардори Раёсати
робитаҳои байналмилалӣ,
илм ва татбиқи дастовардҳои
илмии Вазорати кишоварзӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ
аз рӯи ихт. (06.01.07) - муҳофизати растанӣ Солиев Ш.Т.
суроға: ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи
А. Дониш 32/2, ҳуҷраи 10 тел: (+992) 935151965

Имзои Солиев Ш.Т. – ро
тасдиқ мекунам: сардори
Раёсати кадрӣ ва таъминоти ҳуқуқӣ Зарипов А. Қ.